**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба шиносномаи ихтисоси илмии тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат карда, дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

**Мубрамии таҳқиқи диссертатсионӣ** дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик ва англис масъалаи таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеии матни асл ва доираи корбурди он дар матн тарҷума ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамин аст, ки пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқи муқоисавӣ ва тарҷума, яъне омӯзиши ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар заминаи асарҳои бадеӣ бахшида шудааст.

Аҳаммияти илмии таҳқиқии Ҳавасмоҳ Соҳибназарова, пеш аз ҳама, дар он зоҳир меёбад, ки ҷанбаҳои забонию тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Мавзуи мазкур дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик мавзуи комилан нав маҳсуб меёбад.

**Сарчашмаҳои таҳқикро** адабиёти бадеии тоҷикию англисӣ – «Ёддоштҳо» ва «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ, «Jane Eyre»-и Шарлотта Бронте, «The old man and the sea»-и Э. Ҳемингвей ташкил мекунанд, ки мисолҳои сершумори асарҳои бадеии болозикр ба диссертатсия як шаҳомати вижа бахшидаанд.

Барои таҳлили манбаи мисолҳо ва таҳлили мувофиқу муносиби онҳо, ҳамзамон, аз луғатҳои тафсирӣ ва дузабона, истифода шудааст, ки ба мазмун ва ҳусни диссертатсия ҷаззобияте бахшидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар асоси маводди назарии ду забон омӯхта шуда, кӯшиши омӯзиши ин воситаҳои муассири забон, усулҳои тарҷума, татбиқ ва фаъолияти онҳо дар низоми асари бадеӣ анҷом шудааст.

Аввалин бор тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар доираи ду забон ба таври дақиқ таҳлил гардида, роҳҳои ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ба раванди тарҷумаи адабиёти бадеӣ таъсир мерасонанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки бори нахуст воситаҳои тавсвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума аз ҷониби муаллиф таҳқиқи хоси сохторӣ ва маъноӣ гардидаанд. Ҳамчунин, ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои бемуодили матнҳои бадеии тарҷумашуда дар диссертатсия баррасӣ шудааст. Маводди назарӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик кумак мекунад.

Ҳамзамон, масъалагузориҳою таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонию сарчашмаҳои пажӯҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия ва хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант ҳисобид.

Барои ҳалли масъалаҳои дар таҳқиқ гузошташуда Ҳ.Т. Соҳибназарова аз усулҳои забоншиносии муқоисавӣ ва шарҳи тарҷумавӣ бештар истифода

бурдааст. Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми бартараф кардани ин мушкилот шабоҳатҳо ва фарқиятҳои байни забонҳои мавриди назар аҳаммияти назаррас доранд. Дар байни онҳо ба методҳои мушоҳида (таҳлили маводди назарӣ), таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳлили сохторӣ ва функсионалии онҳо, хусусиятҳои семантикӣ-наҳвӣ ва амсоли инҳо диққати махсус дода шудааст, ки аз таҳлили мисолҳои дар автореферат истифодашуда мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар автореферат, инчунин, усули таҳлили лингвистии калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои мухталифе, ки маънои маҷозӣ доранд, барои пурратар ошкор намудани моҳияти дастурии воситаҳои тасвири бадеии забони тоҷикӣ ва муқоисаи муассири забони англисӣ истифода шуда, ба муайян намудани навъҳои таҳвилоти дастурӣ ҳангоми ифодаи вазифаҳо ва маънои воситаҳои образноки забон диққати хос дода шудааст. Мисолҳо вобаста ба ҳар як бобу зербобҳои дуруст ва муносиб интихоб гардидаанд, ки диссертант ба онҳо бо истифода аз фарҳангномаву луғатҳо шарҳҳои ҷолиб додааст.

Соҳибназарова Ҳ.Т. дар ҷараёни пажӯҳиш маводди фаровон ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои илмии хешро роҷеъ ба нуктаҳои баҳсталаби тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ баён намудааст, ки арзиши зиёди илмӣ дорад.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Диссертант дар мавзуи таҳқиқ 43 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро таҷассум мекунанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, аз муқаддима, 5 боб, 19 фасл, 8 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт буда, ҳаҷми умумии он 165 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мураттаб шуда, тибқи меъёри муайншудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст ва муҳтавои таҳқиқи диссертатсиониро пурра инъикос карда метавонад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)” ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Ҷамшедов Парвонахон

**Суроға:** 745025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Шотемур, 57, хонаи 54
Тел.: (+992) 919-00-20-53
E-mail: pjam07@mail.ru

Имзои П. Ҷамшедовро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
АМИТ Акбарзода Толиб

**Суроғаи муассиса:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел: (+992) 227-92-84
E-mail: info@anrt.tj
Сомона: www.amit.tj

22.04.2025